# Мо дар дили худ чизҳое (ба монанди шак ва куфр) меёбем, ки ба забон овардани он бароямон бисёр сахт аст. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: "Оё чунин аст, ки мегӯед?" Гуфтанд: бале. Фармуданд: "Он имони холис аст

Аз Абуҳурайра, (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Гурӯҳе аз асҳоби Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) назди эшон омаданд ва аз ӯ (с) пурсиданд: Мо дар дили худ чизҳое (ба монанди шак ва куфр) меёбем, ки ба забон овардани он бароямон бисёр сахт аст. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: "Оё чунин аст, ки мегӯед?" Гуфтанд: бале. Фармуданд: "Он имони холис аст"

[صحيح] [رواه مسلم]

Гурӯҳе аз ёрони Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) назди Паёмбари Худо омаданд ва аз ӯ дар бораи шак ва васвасаҳои бузурге, ки дар дили худ эҳсос мекарданд ва аз сабаби зишт будани онҳо аз ба забон оварданашон танаффур доштанд, пурсиданд. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтанд: Ончи дар дили шумо шӯъла мезанад ва боис шудааст, ки дар баробари ончи шайтон дар дилатон андохта аст истодагарӣ карда ва аз ба забон овардани он худдорӣ мекунед, имони холис ва яқин аст, ки ин худ нишонае аз роҳ наёфтани Шайтон ба дилҳои шумост, бар хилофи касоне, ки Шайтон бар дилҳои онҳо мусаллат гашта дар баробари он ҳеҷ чорае надоранд.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65011